# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Муродов Парвиз Худойдодович** дар мавзӯи **“Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи минтақа аз ҷиҳати захираҳои обӣ ҷойи аввалро ишғол намуда, иқтидори захираҳои обии он ба 64 км$^3$/сол арзёбӣ гардида, 55,4% ҳаҷми оби ҳавзаи баҳри Аралро ташкил медиҳад. Дар асоси ин, вазифаҳои муҳими соҳаи хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама таъмини аҳолӣ бо оби босифати ошомиданӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини рушди устувор ва боэътимоди об, бахусус дар соҳаҳои иқтисодиёт, ҳифзи самараноки захираҳои об аз ифлосшавӣ ва такрористеҳсолкунии миқдорию сифатии онҳо маҳсуб меёбанд.

Зимни таҳия ва коркади стратегия дар соҳаи идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об, банақшагирӣ ва татбиқи тадбирҳои зарурии захираҳои об, ки ба ҳалли мушкилоти таъминоти об нигаронида шудаанд, бояд оид ба тағйироти ҷорӣ ва имконпазири миқдор ва сифати захираҳои об, реҷаи оби дарёҳо дар шароити таъсири омилҳои табиӣ ва инсонсириштӣ (антропогенӣ) баҳои илман асоснокшуда доштан зарур аст. Мураккабии ҳалли ин масъалаҳо дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа, хусусан, дар даҳсолаҳои охир аз бисёр ҷиҳат ба таҳқиқу омӯзиши нокифояи таъсири тағйирёбии шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва иқлимӣ ба соҳаи хоҷагии об вобастагӣ дорад.

Муаллифи диссертатсия натиҷаҳои илмии ба дастовардашударо бо истифодаи таҷрибаҳои физикӣ-химиявӣ, инчунин усулҳои стандарти мавҷудаи коркардшуда ва тавсияшуда тасдиқ намудааст. Дар кори диссертатсионӣ усулҳои таҳлили атомӣ-адсорбсионӣ ва нейтронӣ-фаъолсозӣ барои муайян намудани микроэлементҳо амалӣ карда шудааст.

Навгониҳои илмии кори диссертатсионӣ ба омилҳои ташаккулёбӣ ва тағйирёбии фазоӣ-замонии маҷрои дарё дар тамоми ҳудуди ҳавзаи дарёи Варзоб, қонуниятҳои тағйирёбии маҷрои ҳавзаи дарё ва тағйироти эҳтимолии иқлимии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб вобаста буда, муаллиф ба натиҷаҳои дилхоҳ муяссар гаштааст.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани самти таҳқиқот, гузоштани вазифаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо, пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати истифодаи оқилонаи ҳавзаи оби дарёи Варзоб маҳсуб буда, натиҷаҳои бадастомада дар 29 адад корҳои илмӣ ба нашр расонида шудаанд.

Албатта ҳар кори илмӣ-таҳқиқотӣ дорои камбудиҳо буда, зимни мутолиаи автореферати диссертатсия чунин эроду норасоиҳо муайян карда шуданд:

***Камбудӣ ва эродҳо дар автореферати диссертатсия*:**

1. Дар ***автореферат*** калима ва ибораҳои кӯтоҳкардашуда (аббревиатура) мавриди истифодаи зиёд қарор гирифтаанд, ки он фаҳмиши матни авторефератро халалдор мегардонад. Ба назари мо хуб мебуд, хусусан дар автореферати диссертатсия аз он ба қадри имкон даст кашид. Чунки дар автореферат ба монади матни асосии диссертатсия, дар аввал қисмати “Калима ва ибораҳои кутоҳкардашуда” пешбинӣ нагардидааст.

2. Дар автореферати диссертатсия оид ба натиҷаҳои таҳлили изотопии оби ҳавзаи дарёи Варзоб номуаяйн аст. Мувофиқи мақсад мебуд, агар дар як ҷумла натиҷаи ниҳоии таҳлили изотопӣ нишон дода мешуд.

Дар умум, эродҳои зикргардида, ба эътимоднокӣ ва навгонии натиҷаҳои илмии бадастовардаи Муродов П.Х.- таъсири манфии назаррас надоранд ва сатҳу сифати кори илмиро паст накардаанд.

*Хулоса. Аз мутолиаи автореферати диссертатсия хулоса бармеояд, ки к*ори диссертатсионии Муродов Парвиз Худойдодович, рисолаи илмӣ-таҳқиқотии куллан ба анҷомрасида ҳисобида мешавад., Муаллиф рисоларо мустаъкилона, бо дарки ҷиддиву амиқи масъалаи бамиёнгузоштагшуда таҳия намудааст. Матни автореферати диссертатсия ба тариқи мушаххас, мухтасару пурра пешниҳод гардида, мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамояд. Тавсияҳои дар рисола дарҷгардида аз нуқтаи назари илмӣ асоснок ва боэътимод мебошанд ва татбиқи амалии худро ёфтаанд.

Рисолаи илмии Муродов Парвиз Худойдодович дар мавзӯи “Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Варзоб” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия ҷавобгӯ ба талаботи Низомнома оиди тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи рисола Муродов Парвиз Худойдодович сазовори соҳиб шудани дараҷаи илмии зикргардида мебошад.

Директори Муассисаи давлатии
“Маркази илмию тадқиқотии ҳифзи
захираҳои об”-и Кумитаи ҳифзи муҳити
зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон, номзади илмҳои геология
ва минералогия Саидзода С.М.

Суроға: шаҳри Душанбе, кучаи Шамсӣ 5/1
тел.:+992 900 08 48 44; E-mail:Markazi_ob@mail.ru

Имзои номзади илмҳои геология ва минералогия, Саидзода С.М.-ро тасдиқ мекунам

Ҷонишини директор оид ба илм Абдуллов Ҷ.Д.